# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Садирова Сумайро Саидаҳмадовна дар мавзӯъи «Таъсири гардолудкунандаҳо ба пайдошавии унсурҳои ҳосил дар дурагаҳои гетерозисии пахта дар шароити водии Вахши Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ**

Пахта яке аз зироатҳои асосӣ ва муҳими стратегӣ дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Дар заминҳои обии ҷумҳурӣ пахта зироати ниҳоят арзишнок ва муҳим буда, аз ҷиҳати даромаднокӣ ва ғанӣ гардонидани буҷаи давлат аҳмияти аввалиндараҷа дорад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши самаранокӣ ва рӯёнидани тухмии дурагаҳои гетерозисии пахта бо истифодаи аз гардолудкунандаҳои сунӣ барои истеҳсоли тухмиҳои хушсифат ва талабот ҷавобгӯ аҳамияти калони илмӣ ва истеҳсолӣ дорад.

Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ алоқамандӣ дошта, он бо Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №658 аз 31 декабри соли 2008 оид ба рушди таъминоти комплекси агросаноатии мамлакат равона карда шудааст, мувофиқ мебошад.

Тамоми нишондодҳои диссертатсия аз тарафи унвонҷӯ иҷро гардидааст ва натиҷаи таҳқиқотҳои мустақилонаи ӯ мебошад. Дар тӯли ҳама давраҳои иҷрои кор, ки асоси диссертатсияи мазкурро ташкил медиҳад, унвонҷӯ иҷрокунандаи таҳқиқот буд. Натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда тавассути нашри мақолаҳои илмӣ тасдиқи худро ёфтаанд.

Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар 15 мақолаи илмӣ рӯйи чоп омадааст, ки 4-тои онҳо дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11-тои дигараш дар маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумуриявии илмӣ – амалӣ ба табъ расидааст.

Диссертатсия дар ҳаҷми 160 саҳифаи матни чопи компютерӣ омода карда шуда, аз муқаддима, сарчашмаҳои адабиёти илмӣ, мавод ва методҳои таҳқиқот, натиҷаҳои таҳқиқот, хулоса ва тавсияҳои илмӣ, ҳамчунин рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки 222 номгӯро дар бар мегиранд, иборат аст. Дар диссертатсия 27 ҷадвал ва 1 расм ҷой дода шудааст.

Пас аз таҳлили кор ба чунин хулоса менамоем, ки диссертатсияи Садирова С. бешубҳа зинаи ба анҷомрасидаи таҳқиқоти илмӣ ба шумор меравад. Дар давоми солҳои таҳқиқоташ маводҳои зиёди илми

ҷамоварӣ намудааст. Натиҷаи тадқиқоти илми аҳамияти калони илмӣ ва истеҳсолӣ дорад.

Диссертатсияи Садирова С.С. аз рӯи зарурати омӯзиши мавзӯъ, навгониҳои илми, мазмуни илмию амалии натиҷаҳои ба даст овардашуда ба Низомномаи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби сарфароз гардонидан ба дараҷаҳои илмӣ аз 26-уми ноябри соли 2016 №505 ҷавобгӯ буда, муаллифи он Садирова С.С. ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор мебошад.

Профессори кафедраи растанипарварии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи
Ш.Шоҳтемур доктори илмҳои
кишоварзӣ, академики АИКТ ва АИР Т. Н. Набиев
www/tajagroun.tj
тел: 935035218

Имзои Т.Н.Набиевро тасдиқ мекунам
сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур Н. А. Раджабова

«20» 03 2023